**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор
___________Ибодуллозода А.И.
«_13_» ___05_______ 2026

ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар МДТ «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» ба кори диссертатсионии Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ)

***Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.*** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) пурра мутобиқ мебошад. Дар таҳқиқот масъалаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусиятҳои ташкили фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олӣ баррасӣ шудаанд.

Муҳтавои диссертатсия ба банди 1-и шиносномаи ихтисос - «Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ» - мувофиқат менамояд, зеро дар таҳқиқот моҳият, сохтор, шарт ва принсипҳои иҷтимоишавии донишҷӯён муайян гардида, амсилаи назариявию амалии ташкили раванди иҷтимоишавӣ таҳия шудааст.

Ҳамчунин, диссертатсия ба банди 4-и шиносномаи ихтисос - «Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ» - низ мутобиқ мебошад, зеро дар рафти таҳқиқ меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои арзёбии сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён муайян гардида, самаранокии шартҳо ва воситаҳои педагогии пешниҳодшуда дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ санҷида шудааст.

Бо ҳамин, муҳтавои диссертатсия самтҳои асосии ихтисоси мазкурро фаро гирифта, аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) ҷавобгӯ мебошад.

***Мубрамии мавзуи таҳқиқ.*** Пас аз соҳибистиқлолӣ ва соҳибихтиёрии Тоҷикистон мавқеъ ва вазифаи низоми таълими муосир афзуда, он

ҳамчун муайянкунандаи тадбирҳои дигаргунсозии ҷомеа ва рушди муҳимми қудрат ва амнияти иқтисодии миллат ва давлат мебошад. Заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии иҷтимоишавии ҷавонон устувортар гардида истодаанд, ки тавассути онҳо мақсаду вазифаҳои тарбияи иҷтимоии шаҳрвандон дар муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеаи муосир куллан, муайян карда шудаанд. Иҷрои мақсаду вазифаҳои Иҷтимоишавии ҷавонон дар ҳамаи марҳилаҳои инкишофи наврасону ҷавонон чун бунёдгари ҷомеаи демократӣ раванди пайваста амалкунанда, пешраванда буда, дар назария ва амалияи тарбиятии халқи тоҷик ва таҳқиқоти илмии муосир истифодаи он тақозо карда мешавад. Амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои иҷтимоишавии ҷавонон истифодаи таҷрибаи тарбиявии мероси адабию миллиро, ки фарогири паёмҳои бешумору нотакроранд, талаб мекунад. Зеро инсон тамоми умр дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ зиндагӣ менамояд, ба зинаҳои камолот мерасад, маҳорату қобилиятҳои дар ҷомеа зиндагӣ карданро аз худ менамояд ва кӯшиш мекунад, ки мавқеи худро ҳамчун шахсияти худогоҳу, арзишманду ҳувийятпазир соҳиб шавад.

Иҷтимоишавии ҷавонон дар ҷумлаи мушкилоти педагогӣ мавқеи муҳим дошта, яке аз масъалаҳои ташвишовару ҳалталаб ба шумор меравад ва дурнамои рушди муассисаҳои таҳсилоти олиро муайян мекунад.

Самт, мақсад, хусусияти амалигардонии ҷараёни иҷтимоишавии донишҷӯён, ташаккули онҳо ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва рушди касбӣ ба хусусиятҳои сифатии пешомадҳои тараққиёти ҷомеаи муосир бештар таъсир мерасонад.

Неруи педагогии мероси олимони ватанӣ ҳамчун воситаи муассири иҷтимоишавии ҷавонон, омили муҳимми тарбияи худогоҳӣ, худшиносӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ ба шумор рафта, хусусиятҳои миллӣ, мардумӣ ва қавмиро дар худ таҷассум намуда, қудрати такону рушди ахлоқии ҷавононро, ки дар таҷрибаи бисёрҳазорсолаи халқ санҷида шудааст, фаро мегирад. Он муҳити иҷтимоиеро таъмин менамояд, ки ба ҳиссиёт, шуур ва рафтори ҷавонон, дар давраи гузариш аз наврасӣ ба ҷавонӣ таъсиргузор аст.

Бояд қайд кард, ки масъалаи иҷтимоишавии ҷавонон, майлу рағбат ба арзишҳои миллӣ дар таҳқиқоти олимони хориҷию ватанӣ мавқеи хосаро ишғол намудааст. Он дар педагогикаи миллӣ дар шаклҳои мухталиф, панду андарзҳои тарбиятӣ, зарбулмасалу мақолҳо, ривояту достонҳо ва корномаи қаҳрамонону мардони корзору бузург ба таври шифоҳию хаттӣ ба насли ҷавон дастрас мегардад.

Ҷорӣ намудани шаклҳо, усулҳо ва технологияҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим ва иҷтимоишавии донишҷӯён аҳамияти хос пайдо мекунад, зеро онҳо имконият медиҳанд фаъолияти маърифатӣ фаъол гардонида шуда, донишҷӯён ба иштирокчиёни фаъол, масъул ва худфаъол дар раванди таълим табдил ёбанд. Маҳз ҳамин зарурати мутобиқсозии муҳити таълимӣ ба талаботи рушди шахсияти муосир аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро муайян менамояд.

***Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.*** Иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун яке аз масъалаҳои калидии педагогикаи муосир таваҷҷуҳи доираи васеи олимон, методистон, омӯзгорон ва роҳбарони муассисаҳои таълимиро ба худ ҷалб намудааст. Пешрафти назариявӣ ва самаранокии татбиқи амалии ин раванд аз хусусиятҳои муҳити донишгоҳӣ, мавқеи фанҳои таълимӣ, сатҳи касбии ҳайати омӯзгорон, шаклҳои ташкили раванди таълим ва системаи тарбиявӣ вобастагии мустақим дорад.

Ҷабҳаи гуногуни иҷтимоишавии донишҷӯён ва масъалаи баланд бардоштани сатҳи маърифати иҷтимоӣ ва фарҳангии онҳо дар таҳқиқоти олимони ватанӣ М. Лутфуллозода, Х. Раҳимзода, Л. М. Иматова, М. Ризоева, Х. Буйдоқов, Ф. Шарифзода, И. Х. Каримова, Ф. Гулмадов, Ш. П. Котибова, М. В. Саидов, Э. Ҷонмирзоев, А. Ҳамроқулов, С. Холназаров, С.О. Сатторов, Д. Шарипова, Н. С. Собирова, Р. Ҳ. Неъматов ва дигарон ба таври назаррас инъикос ёфтаанд. Дар осори онҳо масъалаҳои тарбияи шаҳрвандӣ, фарҳанги иҷтимоӣ, худшиносии миллӣ ва рушди маънавии ҷавонон дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон баррасӣ мегарданд.

Аз ҷониби Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» мубрам ва айнивақтӣ буда, он барои ошкорсозӣ, асосноккунии назариявию амалии истифодаи омилҳои муҳими иҷтимоишавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, тағйиру такмилёбии арзишҳои маънавӣ-ахлоқии миллӣ зарур ва муҳим документа мешавад.

Бояд қайд кард, ки раванди кори таҷрибавӣ-озмоишӣ амалӣ гардондани мақсаду вазифаҳои таҳқиқот имконият медиҳад, ки нақши арзиши миллӣ дар иҷтимоишавии ҷавонон санҷида ва натиҷаҳои он минбаъд дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ истифода гардад ва ба рушду нумӯи фарҳанги миллӣ ва педагогии халқи тоҷик мусоидат намояд.

***Навгонии илмии таҳқиқот*** дар он ифода меёбад, ки бори аввал дар доираи педагогикаи иҷтимоӣ асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар амалия таҷрибавӣ санҷида шуданд. Моҳияти таҳқиқот ба баррасии иҷтимоишавии донишҷӯ на танҳо ҳамчун раванди мутобиқшавӣ ба муҳити таълимӣ, балки ҳамчун механизми ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол, масъулиятшинос ва аз лиҳози касбӣ омодашуда равона гардидааст. Дар ҷараёни таҳқиқот мафҳуми «иҷтимоишавии донишҷӯён» мушаххас гардонида шуда, он ҳамчун раванди азхудкунии нақшҳои иҷтимоӣ, ташаккули худшиносӣ, мутобиқшавӣ ва иштироки фаъоли донишҷӯ дар муҳити иҷтимоӣ ва касбӣ шарҳ дода шуд. Ҳамзамон, сохтор ва муҳтавои иҷтимоишавии донишҷӯён муайян гардида, ҷузъҳои асосии

он - арзишӣ, маърифатӣ, рафторӣ ва коммуникативӣ - тавсиф карда шуданд.

Дар таҳқиқот меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои муайян намудани сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия гардида, имконияти ташхис ва арзёбии сатҳи омодагии иҷтимоии онҳо фароҳам оварда шуд. Ҳамчунин, шартҳои педагогии самараноки иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муайян гардида, нақши онҳо дар рушди худшиносӣ, масъулиятшиносӣ, фаъолиятмандии иҷтимоӣ ва мутобиқшавии касбии донишҷӯён асоснок карда шуд. Дар рафти таҳқиқ амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия ва дар шароити Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди озмоиш қарор дода шуд, ки самаранокии он дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ тасдиқ гардид. Ҳамзамон, аҳамияти ҳамгироии таълим, тарбия ва фаъолияти иҷтимоӣ ҳамчун шарти муҳими ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол ва касбан омодаи донишҷӯ асоснок карда шуд.

***Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия*** дар он ифода меёбад, ки дар заминаи таҳлили назариявӣ ва таҷрибавии масъала мафҳум ва муҳтавои иҷтимоишавии донишҷӯён мушаххас гардида, воситаҳои педагогии фаъолсозии фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии онҳо асоснок карда шуданд. Ҳамзамон, таснифоти субъектҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён иштирок менамоянд, таҳия гардид.

Аҳамияти илмии таҳқиқот дар таҳкими асосҳои назариявии педагогикаи иҷтимоӣ, тавсеаи тасаввуроти илмӣ оид ба раванди иҷтимоишавии донишҷӯён ва муайян намудани шароитҳои педагогии ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол зоҳир мегардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки тавсияҳои методологии пешниҳодшуда, аз ҷумла шакл, усул ва воситаҳои ташкили фаъолияти таълимӣ ва тарбиявӣ, метавонанд барои такмили раванди таълим, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавӣ ва беҳтар намудани сифати омодасозии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот ба рушди худшиносӣ, масъулиятшиносӣ, фаъолнокии шаҳрвандӣ ва мутобиқшавии иҷтимоии ҷавонон алоқаманд буда, барои ташаккули шахсияти аз лиҳози иҷтимоӣ ва касбӣ омодашуда мусоидат менамояд. Дар ин замина, таҳлил ва баррасии хусусиятҳои ташаккули сифатҳои шахсиятии ҷавонон аз нуқтаи назари психологӣ, иҷтимоӣ ва педагогӣ аҳамияти махсус касб менамояд.

Аҳамияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи амалии тавсияҳо ва технологияҳои пешниҳодшуда метавонад ба баланд гардидани самаранокии раванди омодасозии кадрҳо, беҳтар шудани мутобиқшавии касбии хатмкунандагон ва истифодаи мақсадноки имкониятҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат намояд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳо*** бо мутобиқати мавзуи таҳқиқот ба самтҳои афзалиятноки рушди низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, талаботи ҷомеаи муосир ва санадҳои меъёриву ҳуқуқии соҳаи маориф асоснок мегардад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии тарбия, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва дигар санадҳои давлатӣ анҷом дода шудааст, ки аҳамияти иҷтимоӣ ва педагогии масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёнро муайян менамоянд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили системавии сарчашмаҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ, психология, назарияи иҷтимоишавӣ ва таълими олӣ такя мекунад. Таҳлили муқоисавии адабиёти илмӣ нишон дод, ки масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, махсусан дар шароити Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, то ҳол ба таври кофӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифтааст.

Дар диссертатсия моҳият, сохтор ва хусусиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯён муайян гардида, шартҳои педагогӣ, шакл, усул ва воситаҳои самараноки ташкили раванди иҷтимоишавӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шудаанд. Муаллиф амсилаи назариявию амалии иҷтимоишавии донишҷӯёнро таҳия намуда, нақши он дар ташаккули худшиносӣ, масъулиятшиносӣ, фаъолнокии иҷтимоӣ ва мутобиқшавии касбии донишҷӯёнро нишон додааст.

Эътимоднокӣ ва асоснокии хулосаҳои илмӣ бо истифодаи маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқиқоти педагогӣ, аз ҷумла мушоҳида, пурсиш, суҳбат, ташхис, таҳлили муқоисавӣ ва таҷриба-озмоиши педагогӣ таъмин гардидааст. Натиҷаҳои бадастомада тавассути таҳлили нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои назоратӣ ва таҷрибавӣ тасдиқ шуда, самаранокии шартҳо ва воситаҳои педагогии пешниҳодшуда дар раванди иҷтимоишавии донишҷӯён исбот гардид.

Хулоса ва тавсияҳои пешниҳодшуда дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳангоми такмили раванди таълим ва тарбия, ташкили фаъолияти иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.*** Дар таҳқиқоти мазкур дар асосноккунии назариявӣ ва амалии ғояҳои масъалаи таҳқиқшаванда, яъне муайян кардану баррасии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир ба шумор меравад.

Иштироки шахсии муаллиф ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои илмии дар таҳқиқоти мазкур пешниҳодшуда ва маводи интишоргашта, дар асосноккунии назариявӣ ва илмӣ-амалии мушкилот ва ҳалли онҳо, ифода ёфтааст.

***Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.*** Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ, мизи мудаввар ва семинарҳои баргузоршуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, аз ҷумла дар конференсияҳоии ҷумҳуриявии илмию амалӣ унвонҷӯ мақолаҳоро чоп намуда, бо маъруза баромад намудааст. Мазмун ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти Фозилзода Шерафкан Орзу дар 6 мақолаи муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маорифи Россия тавсияшаванда шомилбуда, 4 мақола дар дигар нашрияҳо ба чоп расидаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ба талаботи Дастурамал оид ба таркиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ, автоефератҳо, мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат мекунад. Мазмуну муҳтавои автореферат аз мазмуни матни диссертатсия бармеояд.

***Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.*** Довталаби дараҷаи илмӣ дар раванди таҳқиқ ва корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро дар шароити муосир мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода, нақши шартҳо ва воситаҳои педагогиро дар ташаккули шахсияти иҷтимоан фаъол ва аз лиҳози касбӣ омодашуда асоснок намудааст. Муҳаққиқ хусусиятҳои иҷтимоишавии донишҷӯён, омилҳои таъсиррасон ба ташаккули худшиносӣ, масъулиятшиносӣ ва фаъолнокии иҷтимоии онҳоро муайян намуда, шароит, шакл, усул ва воситаҳои самараноки ташкили раванди иҷтимоишавиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳлил кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқ нишон медиҳанд, ки ташкили мақсадноки раванди иҷтимоишавии донишҷӯён дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба баланд гардидани сатҳи фаъолнокии иҷтимоӣ, мутобиқшавии касбӣ, рушди худшиносӣ ва ташаккули мавқеи шаҳрвандии донишҷӯён мусоидат менамояд. Ин раванд барои омодасозии мутахассисони рақобатпазир, масъулиятшинос ва мутобиқ ба талаботи ҷомеаи муосир заминаи мусоид фароҳам меорад.

Мазмун, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ буда, қисматҳои он бо риояи пайдарпайии мантиқӣ таҳия гардидаанд. Дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии масъалаи таҳқиқшаванда дар ҳамбастагӣ баррасӣ гардида, натиҷаҳои бадастомада бо хулосаҳои илмии асоснок ҷамъбаст шудаанд. Диссертатсия ҳамчун кори илмии анҷомёфта ва мустақилона иҷрошуда арзёбӣ мегардад.

Диссертатсия аз 213 саҳифаи матни компютерӣ иборат буда, 8 ҷадвал, 6 диаграмма ва 2 амсиларо дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар се боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 218 номгӯй аст.

Муаллиф дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро асоснок намуда, шарҳи мухтасари дараҷаи пажӯҳиши мавзуъ овардааст. Ҳамчунин объект ва мавзуи (предмети) таҳқиқот, мақсаду вазифаҳо ва фарзияи кор муайян карда, оид ба асоси методологии таҳқиқот, методҳои таҳқиқот, пойгоҳи асосии таҳқиқот, марҳилаҳои асосӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ, арзиши амалии кор, саҳеҳияти ғояҳои илмӣ, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳо ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда маълумот додааст.

***Боби якуми диссертатсия*** «Асосҳои назариявии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» буда, дар он масъалаҳои назариявӣ ва методологии масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ба таври муфассал таҳлил гардидааст.

Муаллиф мафҳуми «иҷтимоишавӣ»-ро ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ-педагогӣ баррасӣ намуда, онро ҳамчун раванди воридшавии фаъоли шахс ба низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, нақшҳо ва шаклҳои рафтори иҷтимоӣ тавсиф кардааст. Ҳамзамон, равишҳои асосии илмӣ ба фаҳмиши иҷтимоишавӣ – равишҳои иҷтимоӣ-педагогӣ, равонӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ – таҳлил ва муқоиса карда, омилҳо ва механизмҳои ташаккули шахсияти иҷтимоишударо муайян намудааст.

Дар боби мазкур қайд мегардад, ки иҷтимоишавӣ на танҳо натиҷаи таъсири муҳити иҷтимоӣ, балки раванди фаъоли худташаккулии шахс мебошад, ки дар он донишҷӯ мавқеи иҷтимоии худро дарк намуда, муносибати худро ба ҷомеа, касб ва арзишҳои фарҳангӣ ташаккул медиҳад. Таваҷҷуҳи махсус ба нақши фаъолияти маърифатӣ, муошироти педагогӣ ва таҷрибаи иҷтимоӣ ҳамчун механизмҳои калидии ин раванд равона мегардад.

***Дар зербоби аввали боби якум*** «Иҷтимоишавии шахсият ҳамчун масъалаи педагогӣ» иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди таърихию иҷтимоӣ ва ҳамзамон педагогии ташаккули шахсият таҳлил гардидааст, ки дар ҷараёни он инсон на танҳо муҳити иҷтимоиро қабул менамояд, балки ҳамчун субъекти фаъол дар он иштирок карда, муносибатҳо, арзишҳо ва мавқеи инфиродии худро ташаккул медиҳад.

Ба андешаи муҳаққиқ иҷтимоишавӣ ҳамчун раванди муттасили воридшавии шахс ба низоми муносибатҳои иҷтимоӣ ва ҳамзамон ҳамчун натиҷаи азхудкунии арзишҳо, меъёрҳо, идеалҳо ва намунаҳои рафтори ҷомеа баррасӣ мешавад, ки шахсиятро ҳамчун узви пурқимати ҷомеа шакл медиҳад.

***Дар зербоби дуюми боби якум*** «Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун мактаби иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯён» донишгоҳ ҳамчун муҳити мураккаб, бисёрсатҳии иҷтимоӣ ва педагогӣ таҳлил мегардад, ки дар он раванди ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ, масъулияти иҷтимоӣ, худшиносии касбӣ ва фарҳанги иҷтимоии донишҷӯён ба таври мақсаднок сурат мегирад.

Дар зербоб мазкур таъкид мегардад, ки маҳз муҳити донишгоҳӣ тавассути низоми муносибатҳои байни омӯзгорон ва донишҷӯён, фаъолияти таълимӣ, кори беруназсинфӣ, ташкили ҳаёти донишҷӯӣ ва иштироки ҷавонон дар шаклҳои гуногуни фаъолият барои иҷтимоишавии онҳо заминаи устувор фароҳам меорад. Нақши раванди таълим, фаъолияти маърифатӣ, муҳити ахлоқию фарҳангӣ, арзишҳои коллективӣ ва муносибатҳои педагогӣ дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, меъёрҳои рафтор, мавқеи иҷтимоӣ ва ангезаҳои шаҳрвандии донишҷӯён асоснок карда мешавад.

***Дар зербоби сеюми боби якум*** «Асоси назариявии муайян кардани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён» меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва асосҳои методологии баҳодиҳии сатҳи иҷтимоишавии шахсият дар шароити муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баррасӣ мегарданд.

Дар ин зербоб равишҳои назариявӣ ба масъалаи ташхиси иҷтимоишавӣ таҳлил гардида, имкониятҳои муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён тавассути баҳодиҳии муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандии иҷтимоӣ, худшиносӣ, сатҳи инкишофи қобилияти муошират, масъулиятшиносӣ ва рафтори иҷтимоӣ асоснок карда шудаанд.

***Боби дуюми диссертатсия*** «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» буда, бо низом таҳия ва асоснок карда шуддааст. Дар ин боб иҷтимоишавии донишҷӯён ҳамчун раванди мақсадноки педагогӣ баррасӣ гардида, механизмҳо, воситаҳо ва технологияҳои таъсиррасонӣ ба ташаккули шахсияти иҷтимоишудаи донишҷӯ муайян мегарданд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба пайванди мутақобилаи раванди таълим, тарбия ва фаъолияти иҷтимоии донишҷӯён равона шуда, нишон дода мешавад, ки маҳз ҳамин ҳамгироӣ заминаи ташаккули мавқеи иҷтимоӣ, худшиносии касбӣ ва масъулияти шаҳрвандиро фароҳам меорад.

Дар ин боб методикаи муайян намудани дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён пешниҳод карда шуддаст, ки он ба маҷмуи меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхис такя мекунад. Ин методика имкон медиҳад сатҳи ташаккули арзишҳои иҷтимоӣ, ангезаҳо, муносибатҳо, рафтори иҷтимоӣ ва омодагии донишҷӯён ба фаъолияти шаҳрвандӣ ва касбӣ ба таври илмӣ муайян карда шавад. Усулҳои пурсиш, мушоҳида, суҳбат, таҳлили фаъолияти таълимӣ ва беруназсинфӣ, инчунин коркарди маълумоти таҷрибавӣ ҳамчун воситаҳои асосии ташхиси сатҳи иҷтимоишавӣ асоснок гардидааст.

***Дар зербоби якуми боби дуюм*** «Методикаи муайянсозии дараҷаи иҷтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» низоми меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва усулҳои ташхиси сатҳи иҷтимоишавии донишҷӯён таҳия ва асоснок карда шудааст.

Дар ин зербоб иҷтимоишавӣ ҳамчун падидаи бисёрҷанба баррасӣ гардида, он маҷмуи сифатҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафториро дар бар гирифтааст, ки дар фаъолияти таълимӣ ва иҷтимоии донишҷӯён ифода меёбанд. Бо назардошти ин,

барои ҳар як ҷузъи ичтимоишавӣ нишондиҳандаҳои мушаххас интихоб шудаанд, ки имконияти баҳодиҳии воқеъбинонаи сатҳи рушди ичтимоии шахсиятро фароҳам меоранд.

***Дар зербоби дуюми боби дуюм*** «Таҳияи амсилаи ичтимоии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» сохтор, мазмун ва механизми амсилаи ичтимоишавии донишҷӯён таҳия ва асоснок карда шудааст.

Муаллиф амсилаи тарҳрезишуда ичтимоишавии ҷавононро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар се сатҳ (сатҳи идроки ҳиссӣ, сатҳи идроки бошуурона, сатҳи амалҳо ва кирдор) пешниҳод намудааст, ки ҳамчун низоми мураттаб ва ҳамгирои ҷузъҳои маърифатӣ, арзишӣ, ангезавӣ, коммуникатсионӣ ва рафторӣ баррасӣ гардида, он робитаи байни омӯзиш, тарбия ва фаъолияти ичтимоии донишҷӯёнро дар муҳити донишгоҳ инъикос менамояд.

***Дар боби сеюми диссертатсия*** «Таҳқиқу озмоиши шароитҳои педагогии ичтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба санҷиши самаранокии шароити педагогии ичтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муфассал пешниҳод ва таҳлил гардидааст.

Муҳаққиқ дар ин боб раванди татбиқи амсилаи ичтимоисозии пешниҳодшуда, марҳилаҳои гузаронидани озмоиши педагогӣ, хусусиятҳои ташкил ва татбиқи таъсирҳои педагогӣ, инчунин тағйироти баамаломада дар рушди ичтимоии донишҷӯёнро баррасӣ кардааст.

***Дар зербоби якуми боби сеюм*** «Хусусиятҳои ичтимоишавии фаъолияти таълимию маърифатии донишҷӯён» робитаи мутақобилаи фаъолияти таълимӣ, ангезаҳои маърифатӣ ва ташаккули сифатҳои ичтимоии донишҷӯён таҳлил карда шудааст.

Фозилзода Ш.О. таъкид мекунад, ки иштироки фаъолонаи донишҷӯён дар лексияҳо, семинарҳо, иҷрои супоришҳои мустақил, таҳқиқоти илмӣ ва муҳокимаи масъалаҳои ичтимоӣ ба рушди фарҳанги муошират, ҳамкорӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Фаъолнокии маърифатӣ ҳамчун механизми муҳими ичтимоишавӣ имконият фароҳам меорад, ки донишҷӯ аз қабулкунандаи пассиви дониш ба субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ, ичтимоӣ ва касбӣ табдил ёбад.

***Дар зербоби дуюми боби сеюм*** «Таҳқиқ ва озмоиши таълимии ичтимоишавии донишҷӯён дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ» ҷараён, марҳилаҳо ва натиҷаҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба татбиқи шартҳои педагогии ичтимоишавӣ дар муҳити воқеии донишгоҳ таҳлил гардидааст. Ҷараёни озмоишӣ ба тартиби татбиқи амсилаи таҳияшуда ва методикаи пешниҳодшуда асос ёфта, самаранокии он дар ташаккули ичтимоишавии донишҷӯён мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки истифодаи амсилаи ичтимоишавӣ ва технологияҳои психологию педагогӣ ба баланд бардоштани сатҳи ичтимоишавӣ, рушди сифатҳои ахлоқӣ, фаъолнокии

маърифатӣ ва масъулияти иҷтимоии донишҷӯён мусоидат намудааст. Дар шароити бухронҳои иҷтимоӣ ва арзишӣ, иҷтимоишавӣ ҳамчун омили муҳими устувории маънавии ҷавонон аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Дар анҷом бояд қайд кард, ки дастоварди таҳқиқоти мазкур аз инҳо бармеояд: риояи методологияи таҳқиқоти илмӣ, корбурди таҳқиқоти илмии фалсафӣ, иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ, такя намудан ба заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии иҷтимоишавии ҷавонон, таҳлили мафҳумҳои калидии мутааллиқ ба масъалаи таҳқиқотӣ, истифодаи мақсадноки маҷмуи методҳои самарабахши таҳқиқотӣ, ки онҳо иҷрои мақсад, вазифа, фарзияи илмӣ ва мантиқии гуногунпаҳлуи (иҷтимоӣ, психологӣ, педагогӣ) масъалаи таҳқиқотӣ мувофиқат намудан, ки кулли онҳоро муҳаққиқ метавонад дар таҳқиқоти минбаъда истифода барад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар масъалаҳои тасдиқнамуда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд.

Мазмуну муҳтавои бобҳои кори диссертатсионӣ мувофиқ ба хулосаҳо таҳия ва пешкаш карда шудааст. Дар хулосаи умумӣ натиҷагирӣ аз кулли кори таҳқиқотӣ амалӣ гардонда шудааст. Тавсияҳои методии коркарду пешниҳодшуда барои пешрафту беҳдошти иҷтимоишавии ҷавонон дар муассисаҳои таълимӣ ва дигар ниҳодҳои масъул мусоидат менамоянд. Онҳо аз ҷиҳати илмӣ-методӣ асоснок мебошанд.

***Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*** Диссертатсия ва автореферати он вобаста ба талаботи дастурамал оид ба тартиби ба расмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) омода карда шуда, мақолаҳои илмии нашрнамудаи муҳаққиқ мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо инъикос менамоянд. Дастовардҳои илмӣ, эътимоднокӣ, хулоса ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф тибқи талаботи дастурамали Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шудаанд.

Дар матни диссертатсия муқарраroти дастурамали Комиссияи олии аттестатсионӣ риоя гардида, матн бо забони тоҷикӣ ба таври возеҳ ва равшан таҳия шудааст. Тартиби таҳия ва ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи диссертатсия дуруст буда, робитаи мантиқӣ ва пайдарпайии мавод таъмин гардидааст. Дар охири ҳар як боб хулосаҳои мушаххас пешниҳод шуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқ ба таври ҷамъбастӣ баён гардидаанд.

***Эродҳо ба кори диссертатсионӣ***

1. Дар диссертатсия санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба сиёсати давлатии ҷавонон ва рушди таҳсилоти олӣ

истифода гардидаанд, вале хуб мебуд, агар муаллиф Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои соҳавиро васеътар таҳлил намуда, масъалаи иҷтимоишавии ҷавононро дар заминаи талаботи амалкунандаи соҳа амиқтар баррасӣ мекард.

2. Дар баъзе бахшҳои корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва воситаҳои техникии таълим маҳдуд ба назар мерасад. Ба андешаи мо, татбиқи васеътари технологияҳои интерактивӣ, усулҳои рақамӣ ва воситаҳои муосири ташхисӣ метавонист ба баланд гардидани дақиқӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот мусоидат намояд.

3. Ҳангоми таҳлили адабиёти илмӣ оид ба масъалаи иҷтимоишавии донишҷӯён истифодаи осори олимони хориҷӣ бештар ба назар мерасад. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ба таҳқиқоти олимони ватанӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони тоҷик низ таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо сатҳи таҳририи корро боз ҳам беҳтар мегардонад.

Эродҳои мазкур хусусияти тавсиявӣ дошта, арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияи тақризшавандаро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти анҷомдодашуда кори мустақилонаи илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода шаванд.

## ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Фозилзода Шерафкан Орзу дар мавзуи «Асосҳои педагогии иҷтимоишавии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шароити муосир (Дар мисоли Донишкадаҳои олии сарҳадии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Муҳаққиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотии дар назди худгузошта ноил гардида, иҷрои фарзияҳои илмӣ ва нуктаҳои ба дифоъ пешниҳоднамударо тасдиқ кардааст.

3. Диссертатсия ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст. Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ, ки дар он довталаби дараҷаи илмӣ Фозилзода Шерафкан Орзу иштирок ва бо маъруза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикстон ба номи Садриддин Айнӣ 15 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 15 нафар, «бетараф» - нест, «муқобил» - нест. (Қарори ҷаласаи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ аз 12 майи соли 2026, №19)

Раиси ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ — Мансурова Ҷамила Сулаймоновна

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Тоҳирҷон Абдусамадович

Котиби илмии ҷаласа:
номзади илмҳои педагогӣ — Арбобова Фароғат Анваровна

12.05. 2026

Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А., Самиев ва Ф.А. Арбобоваро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Қодирзода Сайвали Муҳибулло

**Суроғаи муассисаи пешбар:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83,
E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj